# Т А Қ Р И З И

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Мамадиев Журабек Уракович дар мавзӯи «Тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи номзадии Мамадиев Журабек Уракович ба мавзӯи муҳими илми адабиётшиносии муосир – робитаҳои адабӣ ба вежа тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдии Шерозӣ дар адабиёти ӯзбек бахшида шудааст.

Мамадиев Журабек Уракович ҳангоми таҳсил дар факултети филологияи тоҷик (шӯъбаи ӯзбекӣ)-и Донишгоҳ (2002-2007) ва аспирантура (2008-2012) аз шогирдони фаъол ва лаёқатманд маҳсуб ёфта, дар таҳлил, таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои адабиётшиносӣ, бахусус робитаҳои адабиёти тоҷику ӯзбек лаёқати хоса зоҳир намудааст. Аз муҳтавои мақолаҳо ва диссертатсияи илмии муаллиф пайдост, ки ӯ ҳунар ва тавоноии кор кардан бо сарчашмаву маъхазҳои илмиву адабиро дошта, метавонад аз он хулосаҳои дуруст ва воқеии илмиро пешниҳод намояд. Дессертант дар баррасии масъалаҳои таҳқиқ, мушаххас муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои пажуҳишгар, меъёр ва усулҳои таҳқиқ дар диссертатсия, инчунин нуктаҳои асосӣ ва меҳварии масоили ба дифоъ пешниҳодшаванда маҳорат ва қудрати ҷудо намудани нуктаҳои асосии масъалаи таҳқиқро доро буда, метавонад аз маводи фаровони илмӣ зарурӣ ва муҳимро ҷудо намояд.

Мамадиев Ж. У. дар муайян намудани ҷойгоҳ, мақом ва мартабаи Саъдӣ, тарҷума ва истиқболи эҷодиёти адиб дар адабиёти ӯзбек аз мақолаҳо, рисолаҳои зиёди адабиётшиносони тоҷику ӯзбек ва мусташриқони русу аврупоро мавриди омӯзишу истифода қарор дода, пеш аз ҳама ба тарҷумаҳои ӯзбекии “Гулистон” ва “Бӯстон” дар марҳалаҳои гуногун ҳамчунин ба тарҷумаи ӯзбекии ашъори ғиноии Саъдӣ, дар баробари ин таъсири ашъори Саъдӣ ба эҷодиёти Навои ва Бобурро мариди пажуҳишу таҳқиқ қарор додааст.

Ба ин далел нақш ва ҷойгоҳи Саъдии Шерозӣ дар адабиёти ӯзбек калон аст. Бисёре аз шоирон аз шеъри Саъдӣ истиқбол кардаанд ва таъсири шеъри Саъдӣ бар адабиёти ӯзбекӣ чашмгир аст. Ин таъсир дар муҳити фарҳанг ва адабии ӯзбекӣ то ҳадде будааст, ки замоне девони Саъдӣ, ба хусус «Гулистон» дар мактабу мадрасаҳо ба унвони китоби дарсӣ таълим дода мешуд. Шоирони ӯзбек ашъори пурҳикмати Саъдӣ, ба хусус «Гулистон»-у «Бӯстон»-ро меъёри шеър медонистаанд ва дар пайравии Саъдӣ шеър месурудаанд. Дар ин равиш шоирони ӯзбек ҳам аз маънӣ ва ҳам аз шакли шеъри Саъдӣ ҳушмандона истиқбол кардаанд.

Истиқболи шоирони ӯзбек даставвал бевосита аз нусхаи асли шеъри Саъдӣ будааст. Баъди тарҷумаи осори Саъдӣ, аз ҷумла «Гулистон»-у «Бӯстон»-и ӯ ин ҷараён хеле пурмаҳсул шудааст. Вуруди Саъдӣ ба адабиёти ӯзбек дар ду тарз сурат гирифтааст: яке ба воситаи истиқболи шеъри Саъдӣ, дигаре тарҷумаи ашъори ӯ. Ҳарчанд ин ҷараён махсусиятҳои худро дошта, саҳифаи дурахшон дар таърихи робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек маҳсуб ёбад ҳам, мавзӯи робитаҳои таърихӣ ва адабии тоҷику ӯзбек, аз ҷумла тарҷумаи осори Саъдӣ ва пайравӣ ба таълифоти вай ҳанӯз ба дараҷае ки лозим аст, тадқиқ нашудааст.

Арзиши назарӣ ва амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки вобаста ба таърихи робитаҳои адабӣ, ба вижа иртиботи адабии халқҳои тоҷику ӯзбек, нақш ва мақоми тарҷума дар таърихи адабиёти тоҷик ҳангоми таҳия ва таълифи бахшҳои китоби таърихи адабиёти тоҷикии форсӣ ва ҳамзамон таърихи адабиёти ӯзбек, маводи таълимии равобити адабиёти тоҷик бо адабиёти ақвоми туркзабон, таълифи рисолаҳои илмии номзадӣ ва докторӣ, нигориши рисолаҳои бакалавр ва магистрӣ истифода бурда мешавад.

Диссертатсия дар заминаи усулҳои муқоисавӣ, усулҳои муқоисавии илмиву таърихӣ, инчунин дар тадқиқот аз дастурҳои назарии донишмандони ватаниву хориҷӣ ва муҳаққиқони таърихи тарҷума ва назарияи он ба кор рафтааст.

Навгониҳои диссертатсия дар он инъикос ёфтааст, ки дар диссертатсия нахустин бор масъалаи робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек дар мисоли истиқболи шеъри Саъдӣ дар муҳити адабии ӯзбекӣ ва сатҳу савияи тарҷумаи осори ӯ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Дар ин замина унвонҷӯй ба масъалаҳои ҷузъиёти зиндагиномаи Саъдӣ, воруди шахсияти ҳунарии ӯ ба адабиёти ӯзбек, тарҷумаи осори ӯ, бурду бохти он, ки ба мушкилоти назарияи тарҷумашиносӣ алоқаманд аст, таваҷҷӯҳ карда, хусусиятҳои асосии ин равишро мушаххас намудааст.

Боби аввали диссертатсия ба тадқиқи масоили тарҷумаи осори Саъдӣ ба забони ӯзбекӣ бахшида шуда, аз қисматҳои "Тарҷумаҳои ӯзбекии "Гулистон" дар марҳалаҳои гуногун", «Тарҷумаҳои ӯзбекии "Бӯстон» ва «Тарҷумаи ӯзбекии ашъори ғиноии Саъдӣ» иборатанд. Дар ин боб ва қисматҳои он таърихи тарҷумаҳо ва хусусиятҳои ҳунарии онҳо, мисли амонатнигаҳдорӣ, ҳифзи сабк ва ғайра мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюм «Эҷодиёти Саъдӣ ва таъсири он дар таҳаввули адабиёти ӯзбек» ном гирифтааст. Ин боб фаслҳои «Таъсири осори Саъдӣ ба эҷодиёти Навоӣ» ва «Баҳрабардориҳои Заҳириддин Муҳаммад Бобур аз эҷодиёти Саъдӣ» -ро дар бар мегирад. Дар ин боб ва қисматҳои он кӯшиш карда шудааст, ки омилҳои нуфузи осори Саъдиро вобаста ба истиқлоли ҳунарияш дар муҳити адабии ӯзбекӣ нишон диҳад. Ҳамчунин, моҳият ва шаклҳои таъсири адабӣ ҳамчун ҳодисаи судманд дар фароянди робитаҳои адабӣ муайян гардида, нақши Саъдӣ дар ин равиш ташхис карда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Мақоми тарҷумаҳои ӯзбекии осори Саъдӣ дар таҳаввули адабиёти ӯзбек" номгузорӣ шуда, он аз фаслҳои нақши осори классикони адабиёти форсии тоҷикӣ дар таҳаввули адабиёти ӯзбек ва мавқеъ ва мақоми тарҷумаҳои адабиёти тоҷикии форсӣ дар доираҳои адабии Қӯқанд ва Хива (Хоразм) ба забони ӯзбекӣ фароҳам омадааст.

Дессертант ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, дастрас гардидааст. Аз мухтавои диссертатсия бармеояд, ки он бо сабку шевои хуби илмӣ иншо шуда, дар он шумораи зиёди мақолаву китобҳои илмиву назарӣ ва ҳирфаӣ истифода гардидааст. Вобаста ба мавзӯъ аз тарафи унвонҷӯй 5 мақола чоп гардидааст, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки дар КОА ФР ва Тоҷикистон номнавис шудаанд, ба табъ расидаанд. Ҳамчунин натиҷаи тадқикот дар конфронсҳои илмии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ироа гардидаанд.

Диссертатсияи Мамадиев Журабек Уракович дар мавзӯи «Тарҷума ва истиқболи эҷодиёти Саъдӣ дар адабиёти ӯзбек» кори ба анҷом расида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он ба гирифтани унвони илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик шоиста аст.

**Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** Худойдодов Аъзам Овлододович

**Суроға:734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Х.Мирзоев 1, гузаргоҳи 3.**
**Тел: (992) 919328220**
**e-mail: khudoidodov1959@ mail.ru**

**Имзои профессор А. О. Худойдодовро тасдиқ мекунам**

**Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** Назаров Д. Қ.

05.10.2018